ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло дар мавзуи «Шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории ҷумҳурии тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.

Пайдоиш, ташаккул ва фаҳмиши муосири масъалаи сифати мол имкон медиҳад, ки на танҳо мавқеи муҳими мавзуи таҳқиқшаванда дар низоми ҳуқуқи маданӣ муайян гардад, балки моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии сифати мол, меъёрҳои муайян намудани сифати мол, кафолати сифат, оқибатҳои пешниҳоди моли бесифат ва роҳҳои ҳифзи ҳуқуқи харидор низ мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Дар робита ба аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии муносибатҳои хариду фурӯш, масъалаҳои вобаста ба сифати мол дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими махсус пайдо намудаанд. Зеро маҳз сифати мол ба таъмини устувории муомилоти шаҳрвандӣ, ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ таъсири бевосита мерасонад.

Таҳқиқоти илмии мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, фарогири масъалаҳои мубрами илмӣ мебошад. Пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, бартараф намудани мухолифатҳои ҳуқуқӣ ва такмили амалияи татбиқи қонунгузории маданӣ аҳамияти муайян доранд. Дар баробари таҷрибаи судӣ, масъалаҳои вобаста ба сифати мол дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ, нотариалӣ ва дигар сохторҳои давлатӣ низ васеъ истифода мешаванд. Доир ба масъалаи мазкур муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳангоми татбиқи меъёрҳои вобаста ба сифати мол дар амалия масъалаҳои зиёди баҳсӣ ба миён меоянд, ки ба муайян намудани камбудиҳои мол, муҳлати кафолат, мутобиқати мол ба шартҳои шартнома ва ҷавобгарии фурӯшанда алоқаманд мебошанд.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаи шарт оид ба сифати мол муаллиф ба хулоса меояд, ки дар қонунгузорӣ ва доираҳои илмӣ нисбат ба мафҳум ва меъёрҳои муайян намудани сифати мол андешаҳои гуногун мавҷуданд. Муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ дар баъзе ҳолатҳо тавзеҳи аниқ ва якхела надоранд. Бинобар ҳамин, диссертант дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки мафҳум ва нишонаҳои ҳуқуқии сифати молро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намуда, барои такмили қонунгузории мадании кишвар пешниҳодҳои мушаххас манзур намояд ва то андозае ба мақсади гузошташуда ноил гардидааст. Аз ҷумла, муаллиф масъалаҳои вобаста ба мутобиқати сифати мол ба шартнома, ҷавобгарии фурӯшанда барои пешниҳоди моли бесифат, ҳуқуқҳои харидор ва кафолати сифатро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

Таҳлили автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф ба мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ноил гардида, ҷанбаҳои мухталифи шарт оид ба сифати молро бо таҳлили қонунгузорӣ, илми ҳуқуқи мадани ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ тахти пажӯҳиш қарор додааст.

Дар баробари ин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди татбиқи қонунгузории маданӣ аз ҷониби мақомоти судӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти назоратӣ, инчунин ҳангоми такмили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарҳу тавзеҳи муқаррароти қонунгузорӣ истифода шаванд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода С.М. дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дорои баъзе масъалаҳои ҷузъии баҳснок низ мебошад. Аз ҷумла, муаллиф ҳангоми таҳлили масъалаҳои вобаста ба сифати мол бештар ба ҷанбаҳои умумии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намудааст, дар ҳоле ки масъалаҳои фарқгузории мафҳумҳои «камбудии мол», «моли бесифат» ва «номувофиқати мол ба шартҳои шартнома» метавонанд муфассалтар таҳлил карда шаванд. Инчунин, мувофиқи мақсад мебуд, ки таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва санадҳои байналмилалӣ васеътар ба роҳ монда шавад.

Мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба мазмун ва аҳамияти илмии таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсия таҳқиқоти мукаммал буда, ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ аст. Автореферати диссертатсияи Қодирзода Сайвалӣ Муҳибулло мазмун ва моҳияти диссертатсияро пурра инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назария ва
таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Қодирзода М.А.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ноҳияи Деваштич, деҳаи Далёни Поён хонаи 157 «Б»
Тел (+992) 92-111-59-90
Email: mirzokodir-1@mail.ru

Имзои Қодирзода Мирзоқодир Аюбро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоев А.Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

02.06.2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70. Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru